# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсионии Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи «Қубодиён дар асри XX – ибтидои XXI» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ). – Душанбе, 2025.**

**Муҳиммияти омӯзиш ва таҳқиқи рисола.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ саривақтӣ ба ҳисоб рафта, инъикосгари ҷараёнҳои иҷтимой-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии яке аз ноҳияҳои калон ва таърихии ҷануби Тоҷикистон мебошад. Асри XX барои сокинони ин минтақа давраи тағйироти куллӣ, аз ташаккули сохтори маъмурии Шуравӣ ва рушди интенсивии кишоварзӣ то солҳои душвори ҷанги шаҳрвандӣ ва марҳилаи нави рушди даврони Истиқлол ба ҳисоб меравад. Дар чунин замина, таҳқиқи масъалаҳои рушди демографӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маорифу фарҳанг ва низоми идоракунӣ дар Қубодиён арзиши баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Муаллиф бо интихоби ин мавзуъ ба эҳтиёҷоти замон ҷавоб дода, саҳми арзанда ба омӯзиши таърихи маҳаллии Тоҷикистон мегузорад.

**Дараҷаи таҳқиқоти** омӯзиши мавзуъ ба талабот мувофиқ буда, муаллиф барои омӯзиши масъалаҳои матраҳшуда доираи васеи манбаъҳо, аз ҷумла ҳуҷҷатҳои бойгонии ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, маълумоти оморӣ, адабиёти илмӣ ва матбуоти даврӣ истифода намудааст. Чунин равиши манбаъшиносӣ барои татбиқи таҳқиқи воқеъбинона мусоидат намуда, имкони баррасии бисёр масъалаҳоро дар паҳлуҳои гуногун фароҳам овардааст.

Автореферат нишон медиҳад, ки рисола аз ҷузъҳои зерини мантиқӣ иборат аст: **Боби якум “Бекигарии Қубодиён дар ибтидои асри XX”** аз ду зербоб иборат мебошад. Муаллиф давраҳои ташаккул ва тағйироти маъмурӣ, иқтисодӣ ва демографии ноҳияро дар давраи тоинқилобӣ таҳлил намудааст.

Боби дуюм – **«Барпошавии ҳокимияти шуравӣ, дигаргунсозиҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиён дар солҳои 20-40 уми асри ХХ» аз ду зербоб иборат мебошад.** Дар боби мазкур қайд мегардад, ки Қубодиён яке аз минтақаҳои дурдаст ва аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ ақибмонда дар Бухорои Шарқӣ ба ҳисоб рафта, дар солҳои 20-уми асри ХХ монанди дигар манотиқи ҷумҳурӣ дар ноҳия дигаргунсозиҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба амал омада, инчунин солҳои 40-ум барои мубориза бар душман дар ақибгоҳ ва фронт саҳми арзанда гузоштааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Ноҳияи Қубодиён дар нимаи дуюми асри ХХ»** аз ду зербоб иборат мебошад. Диссертант раванди бо муваффакият анҷом ёфтани давраи азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ ва пешравии хоҷагии халқ, беҳтар намудани дараҷаи некуаҳволии мардум ва рушди фарҳанги ноҳияро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Боби чоруми диссертатсия **«Ноҳияи Қубодиён дар солҳои соҳибистиқлолӣ»** номгузорӣ гардида, аз се зербоб иборат аст. Муҳаққиқ пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, муташанниҷ гардидани авзои сиёсӣ ва идомаи ҷанги шаҳрвандӣ, пешрафти минбаъдаи самти иқтисодӣ ва саноатӣ, таъсиси марказҳои муҳимми фарҳангӣ ва маърифатии минтақа, соҳаи кишоварзии ноҳияи Қубодиёнро ба таҳлили илмӣ кашидааст.

Хулоса, диссертант дар рисола вазъи сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Қубодиёнро дар асри ХХ ва ибтидои ХХI мавриди таҳлили илмӣ дода, ба хулосаҳои зарурӣ омадааст. Муаллиф тавонистааст масъалаи бисёр мураккаби таърихи маҳаллиро бо такя ба далелҳо, манбаъҳои боэътимод ва таҳлили илмӣ инъикос кунад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсионии Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло дар мавзуи **«Қубодиён дар асри ХХ – ибтидои ХХI»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст. Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34

ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он Зубайдуллозода Саидҷон Хайрулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 - Таърих (6D020301 - Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ
ва табиӣ-риёзии Институти иқтисодиёти ҷаҳон ва
муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи
байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон н.и.т., дотсент: Мирзоев М.Н.

Имзои Мирзоев М.Н. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷӯраев Ш.Н.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Тел: (+992) 918215536
www.iutet.tj
E-mail: info@iutet.tj

«3» «12» соли 2025